# ТАҚРИЗИ

Муқаррizи расмӣ ба кори диссертатсионии Аминов Муслиҳиддин Фозилдинович дар мавзуи “Имкониятҳои дидактикии ташаккули ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути такмили ихтисоси дохилимактабӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст.

Мазмуну мундариҷаи диссертатсияи Аминов Муслиҳиддин Фозилдиновичдар мавзуи “Имкониятҳои дидактикии ташаккули ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути такмили ихтисоси дохилимактабӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, ва таҳсилот мутобиқат дорад.

*Мубрам будани мавзуи диссертатсия.* Мубрамии мавзуи таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки масъалаи таҳқиқнамудаи Аминов Муслиҳиддин Фозилдинович ба стратегияи курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон аз ташаккули низоми мунтазам баланд бардоштани сатҳи дониш, малака ва малакаҳои касбӣ иборат аст, ки воситаи идоракунии мақсадноки рушди касбӣ, худтаълим ва рушди худии омӯзгорон дар тамоми давраи фаъолияти педагогӣ равона карда шудааст.

Ҳаракати касбии омӯзгоронро метавон ҳамчун зинапояи уфуқӣ ва амудии касб тасаввур кард. Бечандирӣ, конвергентӣ, дивергентӣ, инъикос, қобилияти тафаккур ва мавқеи фаъоли иҷтимоию фарҳангӣ, ҳаракати касбии омӯзгорон тасаввур кардан ғайриимкон аст.

Асоси ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бояд фарҳанги педагогӣ васалоҳияти касбӣ бошад. Имкониятҳои дидактикии ташаккули ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ тавассути такмили ихтисоси дохилимактабӣ бо як қатор омилҳо муайян карда шудааст, ки дар байни онҳо талаботи афзоянда ба сифати таълим, ки бо тағйироти динамикии иҷтимоию иқтисодӣ ба вуҷуд омадаанд, аҳамияти аввалиндараҷа доранд. Дар заминаи модернизатсияи системаи маориф натанҳо навсозии доимии дониш ва малакаи омӯзгорон, балки фароҳам овардани шароит барои

рушди касбӣ, худшиносӣ ва иштироки фаъолона дар ташаккули сиёсати таълимии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ муҳим мегардад. Такмили ихтисоси дохилимактабӣ, ки шакли зудтарин ва ба эҳтиёҷоти мушаххаси муассисаи таълимӣ мутобиқ шуда мебошад, воситаи муассир барои ноил шудан ба ин ҳадафҳо мебошад. Такмили ихтисоси дохилимактабӣ, ки ҳамчун раванди муттасили таълим ва рушди омӯзгорон бевосита дар доираи таълим баррасӣ карда мешавад.

Андешаҳои дар боло зикргардида аз он шаҳодат медиҳанд, ки мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ мубрам ва муҳим мебошад,зеродарҷаҳони босуръат тағйирёбанда ва равандҳои динамикии таълим аҳамияти ҳаракати касбии омӯзгорон торафт равшантар мегардад.

Асосҳои назариявӣ ва методологиитаҳқиқотромиёни олимони ватанӣметавонтаҳқиқотҳоиМ.Орифӣ, Ф. Шарифзода, М.Лутфуллоев, И.Х. Каримова, Б. Раҳимов, Ҷ. Булбулов, Т.Атахонов, Ҳ.Афзалов, Ҳ.Б. Буйдоков, Х.Зиёӣ, А. Байзоев, М. Каримзода, Ҷ. Намозов, С. Собиров, Қ. Муҳиддинзода, Ш. Абдуназарзода ва бисёр дигаронро қайд намудан мумкин аст. Бо вуҷуди мавҷудияти корҳои зиёд, то ҳанӯз ҳам, таҳқиқоти ягонае оид ба ташаккули ҳаракати касбии омӯзгорон ба назар намерасад, ки нуқтаи назари муҳаққиқони гуногуни такмили ихтисоси дохилимактабиро дар як асаргирд оварда бошад.

Ҳамзамон, дар мамлакатҳои хориҷӣ, таваҷҷуҳи зиёд ба масъалаи ташаккули ҳаракати касбии омӯзгорон аз ҷониби олимони муосир (В.А.Адолф, Р.З.Богоуддинов, В.А.Болотов, Т.Казарницкая, И.Головина, О.Е.Лебедев ва дигарон) зоҳир шудааст, ки барои таъмини фаъолияти пурмаҳсули касбӣ амсилаҳои гуногунро пешниҳод менамоянд.

Дар таҳқиқотҳои Л.В.Вершинина, Ж.И.В. Горюнова, С.Г. Желтова, Б.М. Игошев, Ю.И. Калиновский, И.В. Никулина, С.В. Нужнова ва дигарон ҳаракатнокии касбӣ ҳамчун сифат ё қобилияти назарраси шахс ба ҳисоб меравад,ташкил мекунанд.

Зеро, тавре, ки муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ изҳор намудааст, ки дар шароити такмили ихтисоси дохилимактабӣ баланд бардоштани тахассус, рушди ҳаракати касбӣ ва хулоса баланд бардоштани малакаю махорати касбии омузорон бо риояи низоми мукаммали ҳавасмандгардонӣ хеле фаъолтар сурат мегирад.

Мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобнамудаи довталаб Аминов Муслиҳиддин дар шароити муосир бениҳоят мубраму муҳим ва дорои аҳамияти махсуси назариявию амалӣ буда, сарчашмаҳои таҳқиқот асарҳои файлсуфон, ҷомеашиносон, сиёсатшиносон, равоншиносон ва педагогҳо, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти миёнаи умумӣ", Консепсияи миллии маълумот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи давлатии рушди низоми такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии кормандони соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2023, асарҳои бунёдии мутафаккирони бузурги тоҷику форс, классикони адабиёти дигар халқу миллатҳо, ҳамчунин таҳқиқоти олимон дар соҳаи тарбия ва роҳнамоии касбии хонандагон, ҳуҷҷатҳои раҳнамоии (директивии) соҳаи маориф мебошанд.

Дар баробари ин, довталаб Аминов Муслиҳиддин дар таҳқиқоти диссертатсионии хеш таҳқиқу таҳлили проблемаҳои муҳимеро вобаста мавзуи диссертасия ба нақша гирифта, дар ҳаллу фасли онҳо ба қадри имкон комёб гаштааст. Аз он ҷумла қайд менамояд, ки раванди ташаккули ҳаракати касбии муасисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути такмили ихтисоси дохилимактабӣ дар сурати татбиқи шароитҳои зерин самаранок хоҳад шуд, агар:

1. Мазмуни мафҳуми «ҳаракати омӯзгорон» мушаххас гашта, ҷузъҳои сохтории он муайян карда шаванд;

2. Асосҳои назариявии гузаронидани корҳои таҷрибавӣ-озмошии амсилаи амалкунандаи такмили ихтисоси дохилимактабӣ, рушди такмили ихтисоси омӯзгорон бо ҳадафи мушаххас, равишҳо, принсипҳо ба роҳ монда шавад;

3. Бо истифода аз такмили ихтисоси дохилимактабӣ дар асоси амсилаи пешниҳодшуда дастгоҳи абзорӣ барои муайян кардани афзоиш ва самаранокии технологияи ташаккули ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таъсис дода шавад;

4. Бо ёрии такмили ихтисоси дохилимактабӣ воситаҳои технологияҳои муосири педагогӣ барои ташаккули ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян ва татбиқ карда шаванд.

*Дарачаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд:*

Арзёбии натиҷаҳои диссертатсия ва таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишии баргузор намудаи Аминов Муслиҳиддин Фозилдинович, ҳамчунин хулосаву тавсияҳои методии коркард ва манзур намудаи ӯ бозгӯи онанд, ки муаллиф ба мақсад ноил шуда, вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташударо ҳаллу фасл кардааст ва дар натиҷа фарзияи илмии пешнҳодкардааш дар амал тасдиқи худро пайдо кардааст.

Навгонии илмии таҳқиқот баҳсбарангез набуда, асоси илмиву амалӣ доранд. Зеро таҳлилу баррасии таҳқиқоти диссертатсионӣ, натиҷаи корҳои озмоишӣ, хулосаи бобҳо, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои методии пешниҳодшуда собит месозанд, ки дар воқеъ аз ҷониби муаллиф:

1. Дар асоси таҳлили сарчашмаҳои психологию педагогӣ мазмуни мафҳуми «ҳаракатии касбии омӯзгорон» аниқ ва сохтори он муайян карда шуда, хусусиятҳои фарққунандаи ҳаракати касбии омӯзгорон ошкор карда шудаанд.

2. Шароити педагогие, ки барои бомуваффақият ташаккул додани ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути такмили ихтисоси дохилимактабӣ заруранд, асоснок карда шудаанд;

3. Амсилаи ташаккули ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути такмили ихтисоси дохилимактабӣ таҳия карда шуда, самаранокии дар амал татбиқ намудани он ба таври озмоишӣ санҷида шуд;

4.Технологияҳои инноватсионии ташаккули ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути такмили ихтисоси дохилимактабӣ таҳия карда шуданд;

5.Имкониятҳои дидактикии такмили ихтисоси дохилимактабӣ оид ба ташаккули ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян карда шудаанд.

6. Самаранокии амсилаи ташаккули ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути такмили ихтисоси дохилимактабӣ ба таври озмоишӣ санҷида шуд.

Нуқтаҳои илмиизерини аз ҷониби муаллифи таҳқиқот ба ҳимоя пешниҳодшуда натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот бадастомадаро барои

баррасӣ муаррифӣ карда, мундариҷа ва мухтавои мантиқии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос мекунанд:

1. Ба сохтори ташаккули ҳаракати касбии омӯзгорони мактабҳо дар доираи такмили ихтисос ду ҷузъи асосӣ дохил мешаванд: ҳаракати касбии субъективӣ ва иҷтимоӣ.

2. Ҷузъи касбии субъектии ҳаракати омӯзгорон ҷанбаҳои муҳими муошират ва ҳамкорӣ бо ҳамкорон, хонандагон ва волидонро дар бар мегирад. Қобилияти ба роҳ мондани робитаҳои истеҳсолӣ ва эҷоди муносибатҳои эътимод дар фазои муосири таълимӣ муҳим аст. Ин натанҳо мубодилаи таҷриба, балки фаҳмиши амиқи ниёзҳои хонандагонро фароҳам меорад, ки дар навбати худ ба омӯзиши самаранок мусоидат мекунад.

3. Ғайр аз ин, тафаккури ғайристандартӣ ва эҷодкорӣ ба ҷузъҳои муҳими ҳаракати муваффақи касбӣ табдил меёбанд. Омӯзгороне, ки қобилияти навоварӣ ва истифодаи технологияҳои навро доранд, бо мушкилоте, ки муҳити муосири таълимӣ дар назди онҳо мегузорад, осонтар мубориза мебаранд.

4. Ҷузъи фаъолияте, ки дар қобилияти мантиқан сохтор бандии вазифаҳо, самаранок кор кардан дар дастаи мувофиқ, қабули қарорҳои мустақили асоснок ва идоракунии фаъолияти одамони дигар зоҳир мешавад, низ муҳим аст. Ҳамаи ин унсурҳо якҷоя тасвири ҳамаҷонибаи ҳаракати касбии омӯзгоронро эҷод мекунанд ва ба онҳо имкон медиҳанд, ки ба мушкилоти раванди муосири таълим динамикӣ мутобиқ шаванд. Ҳаракати иҷтимоии касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар раванди такмили ихтисоси дохилимактабӣ дар маҷмуи ҷузъҳо:

- ҷанбаи иҷтимоӣ - фарҳангӣ–қабули фарҳанги корпоративии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар раванди такмили ихтисоси дохилимактабӣ, ташаккули фаъолияти касбии худ дар асоси дарки хусусиятҳои миллӣ, динӣ, ахлоқӣ ва ғайра;

- ҷузъи коммуникативӣ – қобилияти барқарор кардан, нигоҳ доштан ва тавсеа додани робитаҳои иҷтимоӣ, кӯшиши мустаҳкам намудани ҳамбастагии ҳайати коллективи мактаб.

*Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда:*

Муқаррароти назариявии таҳқиқот ба таври кофӣ далелнок карда шуда, дар асоси таҳлилу арзёбии адабиёти илмӣ технологияи ташаккули ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути такмили ихтисоси дохилимактабӣ таҳиява аз ҷиҳати назариявӣа соснок карда шуд. Ҳамзамон меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои сатҳҳои ташаккули ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути такмили ихтисоси дохилимактабӣ коркард ва дастгоҳи категориалии раванди ташаккули ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо роҳи такмили ихтисоси дохилимактабӣ равшан гардида, инчунин қисмҳои асосии он муайян карда шуда, мавриди озмоиш ва пужуҳиши илмӣ қарор дода шуда, натиҷаи он дар диссертатсия ҷамъбаст карда шуданд.

Муҳтавои асосии рисола ва натиҷаҳои таҳқиқот дар солҳои 2018-2023 дарконференсияҳои илмӣ-амалӣ, семинарҳои илмӣ-методӣ ва мизҳои мудаввар, ки Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии Академияи таҳсилот, Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва филиали он дар шаҳри Душанбе баррасӣ ва тасвиб гардиданд. Татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот дар пойгоҳи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии рақамҳои 15, 31, 55, 100 ва Литсейи №4 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе дар давоми солҳои 2018-2023 сурат гирифта, самаранокии худро собит сохтаанд.

*Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо:*

Асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои асосӣ, хулоса ва муқаррароти таҳқиқоти озмоиширо масоиле таъмин менамоянд, ки дар бунёди назария усулҳои методологӣ дар асоси муносибати босалоҳият ба такмили ихтисоси омӯзгорон гузошта шудааст; ғоя аз муқаррароте асос ёфтааст, ки зарурати таъминоти назариявӣ ва методии ташаккули салоҳияти касбӣ ва ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро тавассути такмили ихтисоси дохилимактабӣ таъмин мекунад, ба таҳаввулоти назариявии соҳа мувофиқат мекунад; мавқеъҳои ибтидоӣ ва таҳаввулоти дорои хусусияти назариявӣ бо натиҷаҳои таҳқиқот мувофиқ карда шудаанд; дар таҳқиқотусулҳоеистифода шудаанд, кибамавзӯъ, объект, вазифа ва ҳадафҳои таҳқиқоти озмоишӣ мувофиқанд; дар рафти иҷрои корҳои

озмоишӣ натиҷаҳои он дар ҳамаи марҳалаҳои амалисзии он бо истифода аз усулҳои таҳлили сифатӣ ва миқдорӣ мунтазам санҷида шудаанд.

·*Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ:*

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 6 номгӯйимақолаҳои илмӣ, аз он ҷумла, 3 номгӯйи онҳо, ки дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 номгӯй дар маҷмуаимаводиконференсияҳобатабърасидаанд, инъикоси худро ёфтаанд.

*Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия:*

Тартиби таҳияи диссертатсия ва автореферат ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда мувофиқ буда, автореферати диссертатсия мазмуни мухтасари диссертатсияро ифода карда, тасаввуроти аниқро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳо тибқи талаботи Комиссия ва Дастурамал азҷиҳатиилмию-методӣасоснок карда шуда, ба миқдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳоиназариявӣ ва амалӣ, мисол ва ҷадвалҳо таъмин аст.

Диссертатсия тибқи муқарраротиДастурамалфаҳмо, бо лаҳни равони тоҷикӣ, босаводона навишта шуда, тартиби таҳия, ҷобаҷогузориқисмҳоиалоҳидаион, робитаи мантиқӣ ва мутассилӣбапуррагӣриоякардашудааст. Доирбаҳарякбобваумуман ба рисолахулосаҳоивозеҳ бароварда шудааст.

*Эрод ба таҳқиқоти диссертатсионӣ:*Дар баробари натиҷаҳои муҳими илмиву амалӣ дар диссертатсия ва автореферати он баъзе камбудиҳо ҷой ёфтаанд, ки ислоҳталабанд:

1. Агар довталаб нақшимаъмурияти муассисаҳои таълимиро дар фароҳам овардани шароит барои ташаккул додани ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути такмили

ихтисоси дохилимактабӣ ба таври мушаххас дар диссертатсия нишон медод ба фикри инҷониб арзиши кори илмӣ боз ҳам баландтар мегардид.

2.Дар қисмати адабиёти истифодашуда баъзе сарчашмаҳоеба чашм мерасад, ки ба мавзуидиссертатсия мувофиқнестанд ва ё дар кори илмӣ истифода нашудаанд.

3. Дар матни диссертатсиябаъзеғалатҳоитехникивуимлоӣроҳ ёфтаанд, ки таҳрируислоҳмехоҳанд.

Ҳамзамон бояд афзуд, ки ин камбудиҳоарзиши илмиву амалии диссертасияро коста намегардонанд.

## ХУЛОСАИ ҶАМЪБАСТӢ

1. Диссертатсияи Аминов Муслиҳиддин Фозилдинович кори ба итмомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона дар сатҳи нисбатан хуби илмӣ иҷро карда шуда, довталаб ба ҳадафи дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузошташуда ноил ва вазифаҳои илмии таҳқиқотро дуруст ҳаллу фасл кардааст ва фарзияи таҳқиқот тасдиқи худро ёфтааст.

2. Диссертатсияи Аминов Муслиҳиддин Фозилдинович дар мавзуи “Имкониятҳои дидактикии ташаккули ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути такмили ихтисоси дохилимактабӣ” ки барои ҳимоя ва дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст, ба талаботи Низомнома оид ба Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаиумумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ,  Мудири
шуъбаи маорифи шаҳри Бохтари
вилояти Хатлон Шоиста Абдуназарзода

Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш. Бохтар,
кӯчаи Б. Ғафуров 17
Тел: 918592049.   E-mail:bobonazarova_sh@mail.ru

15.03.2025

**Маълумот барои тамос:**

Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш. Бохтар,
кӯчаи Б. Ғафуров 17
Тел: 918592049.   E-mail:bobonazarova_sh@mail.ru

*«Имзои Шоиста Абдуназарзодаро тасдиқмекунам»*

Сармутахассиси шуъбаи кадрҳо:                Маҳмадзамонзода И.

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МАКОМОТИ ИҶРОИЯИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТИИ ШАҲРИ БОХТАР ШУЪБАИ МАОРИФИ
ШУЪБАИ КАДРҲО